Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраи донишҷӯён, бинои таълими 7)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз).**

Низоми муосири бонкии мамлакат дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ёфтааст, ки ин ба пайдо шудани хусусиятҳои хоси таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ боис гардид. Мушкилоти давраи гузариш, номутаносибиҳо дар рушди низоми бонкӣ, ки аз мудирияти қаблии ба фармонфармоӣ асосёфта ба мерос монда буданд, ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва устувории молиявии онҳо асари худро гузоштанд. Яке аз мушкилотҳои асосӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ин норасоии захираҳои молиявӣ мебошанд. Ба ақадиаи муаллиф норасоии захираҳои молиявӣ чунин ҳолате дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ мебошад, ки бо сабаби таъмин нагардидани ҳаҷми кофии худ захираҳои молиявӣ барои самаранок анҷом додани амалиёти фаъол имкон намедиҳанд ва ин яке аз сабабҳои асосии коста шудани устувории на танҳо бонкҳои тиҷоратӣ, балки умуман низоми бонкӣ мебошад.

Муҳаққиқ дар автореферат ҷадвали 2 - нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда аст, ки он кифоятии сармоя, кифоятии сармояи асосӣ, пардохтпазирии ҷорӣ, даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя иборат аст. Таҳқиқоти муаллиф нишон дод, ки то ин дараҷа баланд будани нишондиҳандаҳои меъёри кифоятии сармоя бояд ба кам шудани талафоти молиявии эҳтимолӣ ва таъмини фаъолияти бемамониат ва устувории молиявии низоми бонкӣ мусоидат кунад.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои таъмин устувории низоми бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ бахшида шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот методҳои абстраксияи илмӣ, диалектика, омориву риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ, таҳқиқоти иҷтимоӣ ва ғ. истифода шудааст.

Дар қисмати таҳлилии автореферат муаллиф маълумотҳои омории зиёдеро аз муассисаҳои молиявию қарзии кишвар ҷамъоварӣ карда, таввасути диаграммаҳо, ҷадвалҳо таҳқиқоти қиёсӣ гузаронидааст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии

натиҷаҳои тадкиқ шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.2021) таҳия гардидаанд.

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асоси кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Дар қатори дастовардҳои илмию амалии муҳиммияти автореферат баъзе камбудиҳои зерин низ дар автореферат ҷой дорад:

1. Хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳоди зеринро ба назари эътибор мегирифт: расми 3-дар автореферат овардашударо (саҳ.13), ки сухан сари масъалаи пӯёи ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт меравад, боз ҳам чуқуртар мавриди таҳлил қарор медод ва ҳаҷми қарздиҳиро ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ҷудо мекард;
2. Дар боби сеюми автореферати диссертатсия муҳаққиқ ба масъалаи таҳлили вазъи молиявии ҶСК "Бонки Эсхата" эътибор дода аст. Агар хуб мебуд барои натиҷагирии ҳолати молиявӣ ва муайян кардани устувории молиявӣ бонкҳо дар қатори ҶСК "Бонки Эсхата" боз ягон бонки тиҷоратии дигар таҳлил ва арзёбӣ мегардид.

Хулоса, автореферате, ки аз тарафи муҳаққиқ унвонҷӯ Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) дорои мазмуни илмию амалӣ мебошад. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи кори таҳқиқотии номбаршуда Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз), дода шавад.

Тақриздиҳанда,
н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон Миразизов А.Ҳ.

Имзои Миразизов А. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДСРТ Раҳимов А.А.

25.02.25

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе к. Мирзо Турсунзода 30
Тел: (992) 37 223-16-18
E-mail: mirazizovabdullo@rambler.ru